Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждандӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии таҳқиқотии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи: «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждандӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи тақризшаванда ба яке аз масъоили муосири соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Диссертант дар рисолаи илмии худ паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ, амалӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷиро дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода, нуктаҳои илмии назариявӣ ва хулосаву тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст.

Аз таҳлили кори ба итмомрасида бармеояд, ки дар он сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба таври мукаммал истифода гардида, пайдоиш ва

ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаст. Дар масъалаи табиати ҳуқуқии пайдоиши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф баъди бадаст овардани истиқлоли давлатӣ дониста ва мавқеи худро муайян намудааст, ки қобили дастгирист.

Дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ва рушди бахши хусусӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъияти аҳамияти муҳимро пайдо кардааст. Бояд қайд кард, ки механизми таъмини кафолати ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бе ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кафолат доданашон дар низоми ҳуқуқи миллӣ ғайриимкон аст. Мушкилоти муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳалли худро ёфтааст ва ин масъала дар соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаст.

Минбаъд бо ташаккули давлатдорӣ ва инкишофи қонунгузорӣ муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мустаҳкам гардида, дар ин радиф меъёрҳои ҳуқуқи расмӣ низ дар танзими робитаҳои байналмилалии давлат аз манфият холи нест.

Бо дарназардошти ҳолатҳои ишорагардида ва доштани муҳимияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар таҳқиқоти илмӣ асоснок гардиани мақоми ҳуқуқи байналмиалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр саривақтӣ ва айни замон аст.

Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқоти анҷомёфта асос ёфтаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои

методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби якум – «Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шудаст. Вобаста ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни диссертатсия муаллиф, танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии хориҷиёнро дар Аҳди қадими сарзамини тоҷикон дар марҳилаи ташаккулёбӣ медонад, яъне дар ин давра дар сатҳи ниҳоӣ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимояи ҳуқуқи хориҷиён равона гардида, асонок намудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши махазҳои таърихӣ, заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди меъёрҳо ва падидаҳои ҷудогонаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ аз аҳди қадим оғоз ёфта ва фарогири марҳилаҳои аҳди қадим, асрҳои миёна, замони шуравӣ ва истиқлолияти давлатӣ медонад.

Зербоби дуюми боби якум – «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ном дошта дар он муаллиф қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, адабиётҳо ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқукро дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ намуда, мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусиро пешниҳод намудааст. Мафҳуме, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад ва дар умум моҳияти масъаларо кушоду равшан нишон додааст.

Зербоби сеюми боби якум – «Таносуби ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ таъсири онҳо ба рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои вобаста ба таносуби таҳаввули ҳуқуқ дар ду самт дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба хосияти императивӣ (ҳуқуқи оммавӣ) ва хосияти диспозитивӣ (ҳуқуқи хусусӣ) мавриди таҳқиқ қарор

дода, пешниҳод намудааст. Таносуби навҳои ҳуқуқро муаллиф дар он медонад, ки навҳои ҳуқуқ, яъне ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавӣ вобаста ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

Навъҳои ҳуқуқро дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ вобаста ба муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ мавриди таносуб қарор дода, пешниҳод намудааст, ки навҳои ҳуқуқ вобаста ба мавзуъ, предмет, усулҳо, субъект, объект, принсипҳо, сарчашмаҳо, хусусиятҳо, мафҳумҳо, меъёрҳои ҳуқуқ, доираи амал ва ғайра дида мешавад.

Боби дуюми диссертаатсия – «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм – «Предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун раванди ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ зери таҳқиқи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо ду мазмун, бо мазмуни васеъ ва маҳдуд пешниҳод карда шудаст, ки фаҳмиши нави ҳуқуқиро дарбар мегирад.

Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба се гуруҳ ҷудо гардида, пешниҳод карда шудаст: – усули коллизионӣ-ҳуқуқӣ, усули моддӣ-ҳуқуқӣ ва усули унификатсионӣ-ҳуқуқӣ .

Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ, байналмилалӣ ва одати байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаст, ки аз манфияти кор холи нест.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст.

Таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар умумияту фарқияти онҳо муайян карда шудааст. Робитаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар доштани мақсади ягона, яъне танзими муносибатҳои байналмилалӣ

фаҳмида мешавад. Аммо бо чунин хусусиятҳо таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, вобаста ба предмет, усулҳо, субъект, объект, принсипҳо, сарчашмаҳо, тарзи ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ ва доираи амал онҳо пешниҳоди илм карда шудаст.

Зербоби сеюми боби дуюм – «Илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шудааст, ки муаллиф дар ин андеша қарор дорад: илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таърихи начандон тӯлонӣ дорад ва ба доираи оилаи илмҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ шомил буда ва дар таҳқиқу омӯзиши муносибатҳои фаромиллии маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиавии маданӣ ва ғайраҳо бо замони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, пешниҳод карда шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Абдуллозода Ё.М. яке аз аввалин таҳқиқоти маҷмӯи бо забони давлатӣ оид ба масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажӯҳишҳои илмие ба шумор меравад, ки аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида, дорои аҳаммият илмӣ ва арзиши хоси илмию амалӣ мебошад.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ вобаста ба масъалаи пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, қонунгузорӣ, робитаҳои байналмилалӣ ва амалии соҳаи мазкуро дар низоми ҳуқуқи миллӣ ифода менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, муаммоҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медидад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқдисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишу малака ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ вобаста ба мавқеи он дар низоми ҳуқуқи миллӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ масоили назариявӣ ва амалӣ ба таври назаррас нишон медиҳад.

Тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот аз ҷониби диссертант манзургардида оид ба баланд бардоштани нақши ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳалли муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, соҳибкорие, ки бо унсури хориҷӣ ба миён меоянд, метавонанд дар қонунгузорӣ ва амалия истифода шаванд. Инчунин мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар таълими илмӣ-назариявии ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳо, монографияҳо, корҳои дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзуҳои зикршуда истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 2 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои

ватанӣ ба нашр расонида шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар баробари муваффақиятҳо, баъзе масъалаҳои баҳснокро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:**

1. Муаллиф дар матни таҳқиқоти диссертатсионӣ (саҳ 11, 45, 46) пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди бадаст овардани Истиқлоли давлатӣ ба ду марҳила ҷудо намуда ва бо қабули гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон медонад, ки бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст. Зеро, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ буда, онро дар дигар меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкинаст.

2. Муаллиф гарчанде, ки дар таҳқиқи мавзуи илмӣ хеш ба асарҳои профессор Ш.М. Менгилев, М.Н. Раҷабзода (саҳ 35, 42, ) ишора намуда бошад ҳам, вале дар матни таҳқиқот асарҳои олимони мазкур дар дигар зербобҳои диссертатсияи мазкур мавриди истифода қарор дода нашудааст.

3. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳ 69 меъёрҳои коллизиёниро ба таври умумӣ баён менамояд, ки бо роҳи бастани шартномаҳои байналмилалии дутарафа ё бисёртарафа, инчунин меъёрҳои ягона (унификатсия) таъсири бевоситаи худро дар муносибатҳои байналмилалие, ки хусусияти байналмилалии хусусӣ доранд мерасонанд. Дар хусуси таклифи умумии меъёрҳои коллизиёни ба ақидаи муаллиф рози

шуда наметавонем, зеро, ки ҳолати истифодаи меъёрҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ дармуносибатҳои байналмилалии хусусӣ бисёр ба назар мерасад.

Эродҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснок ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиётҳои соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудаст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки бо пурраги кофи будани мазмуни баён, мазмуни баланд ва навгонии илмӣ доштани онро нишон медиҳад. Диссертант аз натиҷагириҳои илмӣ хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ саҳми сазоврои худро гузорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонага мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардиданд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамояд. Ҳамчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раупова М.Т.

Имзои Раупова М.Т.–ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.
«06» 03 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, ш. Душанбе кӯчаи Саид Носир 33,
Тел: +992 (37) 224-17-86,
Факс: (37) 224-17-86
info@apa.tj